**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод гардидааст (Душанбе, 2025. – 40 саҳ.).**

Дар замони муосири ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми иктисодии ҷаҳонӣ, масъалаи танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии ҳуқуқ ба меҳнат дар сатҳи миллӣ аҳамияти хоса пайдо кардааст. Он на танҳо як унсури муҳими сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб меёбад, балки воситаи муҳими таъмини адолати иҷтимоӣ ва татбиқи муосири ҳуқуқу озодиҳои инсон дар шароити тағйирёбии босуръати илмиву техникӣ ва технологӣ ба шумор меравад.

Зинаи муҳими ин раванд танзими муназзами ҳуқуқӣ ва конститутсионии муносибатҳои меҳнатӣ маҳсуб мешавад, ки тавассути он робитаҳои байнисоҳавӣ дар низоми ҳуқуқи меҳнат ва ҳуқуқи конститутсионӣ муайян ва устувор мегарданд. Ба ин васила, муҳтавои ҳуқуқи шахс ба меҳнат ҳамчун яке аз ҷузъҳои таркибии ҳуқуқҳои бунёдии конститутсионӣ пурра ошкор мегардад.

Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар ба баррасии яке аз масъалаҳои калидии дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии илми ҳуқуқи конститутсионӣ бахшида шудааст. Мавзуи таҳқиқот ба густариш ва такмили минбаъдаи заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона гардида, ҳадафи он мусоидат ба баланд бардоштани самаранокии татбиқи ҳуқуқи инсон дар шароити муосир мебошад.

Дар ин замина, зикри он муҳим аст, ки мавзуи диссертатсия бо назардошти воқеияти ҳуқуқии кишвар ва ниёзҳои замони муосир хусусияти мубраму саривақтӣ дошта, ҷалби таваҷҷуҳи амиқи муҳаққиқони соҳа ва таҳлили ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Далели муҳим он аст, ки пас аз ба даст овардани истиқлолият, рисолаи мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти ҷиддии илмӣ ба забони давлатӣ дар риштаи ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, заминаи муҳим барои тадқиқоти минбаъда дар ин самт хоҳад буд.

Ҳамин тавр, дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифҳои он, асосҳои методологӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ муқаррарот пешбинӣ гардидааст.

Таҳқиқоти илмии анҷомдода бо истифода аз усулҳои умумиилмӣ ва махсуси таҳлил, ба таври боэътимод ва илман асоснок сурат гирифта, хулосаҳо ва тавсияҳои дар он пешниҳодгардида дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Қисме аз муқаррарот, хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои навгонии илмӣ буда, метавонанд дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва такмили қонунгузории миллӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Аз таҳлили ҳамаҷониба ва баррасии амиқи масъалаҳои мавриди омӯзиш, ки дар автореферат инъикос ёфтаанд, ба хулоса омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот бо пайдарпайӣ ва риояи мантиқу меъёрҳои таҳқиқоти илмӣ таҳия гардида, ба таври возеҳ раванди пажӯҳишро инъикос мекунад. Автореферати диссертатсия ба талаботи муқарраргардида мутобиқ буда, натиҷаҳои мукаммал ва судмандро дар соҳаи мавриди баррасӣ манзур менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ, мафҳумҳои асосии назариявие, ки заминаи ҳуқуқии ҳуқуқи конститутсионии шахсро ба меҳнат ташаккул медиҳанд, мавриди омӯзиш қарор дода шуда, таҳаввулот ва танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ин ҳуқуқ дар Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар санадҳои байналмилалӣ таҳлил гардидааст. Дар доираи таҳқиқот, мавқеи ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон муайян шуда, робитаи он бо дигар ҳуқуқҳои бунёдӣ низ возеҳ карда шудааст. Ҳамзамон, мафҳум, моҳият, мазмун ва шаклҳои амалишавии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат таҳқиқ шуда, самтҳои асосии татбиқи кафолатҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд. Зимнан, моҳият, шакл ва нақши маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ин ҳуқуқ низ омӯхта шуда, усул ва методҳои асосии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар муҳити ҳуқуқии миллӣ муайян ва асоснок гардидаанд.

Гарчанде ки таҳқиқоти пешниҳодшуда дар маҷмуъ ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба анҷом дода шудааст, бархе эродҳои хусусияти ҷузъидошта низ ба назар мерасанд, ки ба арзиши илмии автореферат таъсири ҷиддӣ

намерасонанд. Аз ҷумла, дар рисола муаллиф ба зарурати ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ аз ҷониби иттифоқҳои касаба ишора менамояд ва онро ҳамчун омили муҳими таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии кормандон арзёбӣ мекунад. Бо вуҷуди ин, аз муҳтавои автореферат равшан намегардад, ки ин ҳимоя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути кадом воситаҳо, усулҳо ва механизмҳо амалӣ мегардад. Ҳамчунин, дар рисола маълумоти оморӣ, ки самаранокии фаъолияти иттифоқҳои касабаро дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ нишон диҳанд, пешниҳод нашудааст.

Гуфтаҳои болозикр тавсиявӣ буда, ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духӯрагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 14 мақолаи илмии муаллиф инъикос гардидааст, ки аз ин шумора 8 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Боиси таъкид аст, ки таҳқиқоти илмии Мирзозода Ш.М. дар маҷмуъ сазовори арзёбии мусбат мебошад, зеро он яке аз нахустин пажуҳишҳои илмӣ ба забони давлатӣ дар бораи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, на танҳо дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии баланд аст, балки ҳамчун заминаи муҳими илмӣ барои пажуҳишҳои минбаъдаи муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ дар ҷумҳурӣ хизмат хоҳад кард.

Дар маҷмуъ, бояд зикр кард, ки автореферати диссертатсияи Мирзозода Ш.М. мазмуни илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва самтҳои асосии онро пурра инъикос менамояд. Дар он масъалаҳои дар назди муаллиф гузошташуда бо пайдарпайӣ, асоснокии илмӣ ва риояи мантиқ ба таври муфассал баррасӣ шудаанд. Таҳлили масъалаҳо бо назари тоза ва бо истифода аз методологияи муосири таҳқиқотӣ сурат гирифта, натиҷаҳои бадастомада ба талаботи илмии муосир ҷавобгӯ мебошанд. Аз ин рӯ, автореферат сазовори баҳои мусбат буда, метавон онро ҳамчун намунаи муҳими таҳқиқоти илми ҳуқуқи конститутсионӣ арзёбӣ намуд.

Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Ш.М. дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гардида, ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола

Мирзозода Шаҳриёр Мунавар сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон С.А. Мирзоев

**Суроғаи муқарриз:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ,
кӯчаи Қаҳҳоров хонаи 5, ҳуҷраи 22
E.mail: m.subhon-85@mail.ru
Тел.: (+992) 918690748

**Имзои С.А. Мирзоевро тасдиқ мекунам**:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон М.А. Мирҷамолов

**Суроғаи муассиса:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Нахимов 64/14
E.mail: tg feu@tg feu.tj
Тел.: +992 (37) 2310201

«11» 08 соли 2025